**Тақризи эксперти холис**

**ба рисолаи илмии Амонова Дилором Абдувахидовна дар мавзӯи «Роҳҳои мукамалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия пешниҳод шудааст.**

**1. Мубрамияти мавзӯи илмӣ.**

Дар шароити авҷи минтақашавӣ ва ҷаҳонишавии иқтисод ва бухронҳои молиявию бактериологӣ ба рушди иқтисод монеъа эҷод намуда истодаанд, ки аз муҳимият ва саривақтӣ будани интихоби мавзӯъи мазкур шаҳодат медиҳанд.

Хуб мешуд муаллиф қисмати мубрамияти мавзӯъро такмил дода оид ба барномаҳои давлатии идоракунии молияи давлатӣ, қайд кардан зарур аст.

**2. Дараҷаи коркарди мавзуъи илмӣ.**

Дар рисола, муаллиф ба паҳлуҳои назариявию амалии тадқиқотҳои гузаронидашуда дар самти танзими буҷети давлатӣ, оварда шудаанд, ки сатҳи арзиши илмии онро мувофиқи талаботҳои барои ин корҳо муайянгардида нишон медиҳад. Аз ҷумла, муаллиф ба тадқиқотҳои олимони хориҷӣ: А. Смит, Д. Рикарда, Афанасев М.П., Левин Г.М., Фаррел М., Франческо Н., Ханушек Б., Хатри Г., Шаланов Н.В., А. В. Малсева, С.В. Корол ва дигарон ҳангоми таҳияи рисола, диққати махсус дода, аҳамияти назарияву консепсияҳои онҳоро дар шароити Тоҷикистон аз назари илмӣ асоснок намудааст.

Хуб мешуд, муаллиф ба асарҳои олимони молиячиро низ ҳангоми тадқиқот истифода мебурд, ки боиси пурратар таҳлил гардидани таҳовулоти назариявии идоракунии молияи давлатӣ мегардид.

Инчунин, тадқиқотҳои олимони ватаниро, ба монанди: Ҳ.У. Умаров, Улуғхоҷаева, У. Алимардонов, Б.И. Боймирзоев, А.Р. Ҳасанов, Ҳ.А. Одинаев, Ф.Ф. Одинаев, О.Ҳ. Давлатшоев, И.Р.Иброҳимов ва дигарҳоро низ таҳлил намуда, хусусиятҳои актуалии онҳоро, ҳангоми пешниҳоди консепсияи муаллифӣ ба инобат гирифтааст.

Хуб мешуд муаллиф, қисмати коркардро такмил дода, олимоне, ки дар ин соҳа ҳимоя намудаанд истифода намояд.

3. **Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот.**

Мақсад таҳрир мехоҳад, яъне калимаи омӯзиш мақсади кори илмӣ буда наметавонад, бинобар ин хамчун мисол пешниҳод мекунем: тадқиқи фундаменталию амалии коркарди равандҳои беҳтарсозии сифати идоракунии воситаҳои молияи давлатӣ ва роҳҳои самаранок истифодабарии он.

Ба ақидаи мо хуб мешуд тибқи талаботи дар боло овардашуда, мақсад ва вазифаҳоро муаллиф тибқи бандҳои соҳаи тадқиқот овардашуда,

таҳрир намояд. Инчунин банди якумро бо мазмуни зерин таҳрир намояд, коркарди тадқиқотҳои назариявии таъмини самаранокии идораи молияи давлатӣ ва пешниҳоди консепсияи муалифӣ.

**4. Объект, предмет ва навгониҳои илмӣ.**

Дар самти натиҷаҳои муҳими ба ҳимоя пешниҳодшуда қайд кардан зарур аст, ки онҳо тибқи вазифаҳои гузошташуда, таҳрир карда шаванд ва моҳияти онҳо кушода шавад. Ҳамзамон ҳар яки онҳо тибқи муқарраротҳои навгонии кори илмӣ, илман асоснок ва шарҳу тафсир дода шаванд.

Соҳаи таҳқиқот, тибқи муқаррароти Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти ҶТ, аз руйи шифри ихтисоси 08.00.07 -молия, муомилоти пул ва қарз, хусусан **Қисми 1. Молия:** банди 2. Молияи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ – зербанди 2.4 - Банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.6 - Назария ташаккули низоми буҷетию андозӣ, ки дар кор бояд илова карда шавад. Лекин мутаасифона, маллиф дар рисола ин мувофиқатиро дар мақсад, объект ва предмет наовардааст.

**5. Дигар ҷанбаҳои рисола.**

Қайд кардан зарур аст, ки гипотезаи илмӣ оварда нашудааст, моҳияти назариявию амалӣ дар сатҳи зарурӣ алоҳида асоснок карда нашудааст, ки муаллифро зарур аст ислоҳ намояд.

Дар маҷмӯъ тибқи муқаррароти Дастурамали КОА-и назди Президенти ҶТ "Оид ба тартиби барасмиятдарории ... рисолаҳои номзадӣ ..." сарсухан бояд аз ду қисм иборат бошад, якум сарсухан, ки мубрамият ва коркарди мавзуъро дар бар мегирад ва дуюм муҳтавои умумии рисола, ки қисмати боқимондаи сарсуханро дар бар мегирад. Муаллифро зарур аст, онро ислоҳ намояд.

**6. Сохтори рисолаи илмӣ.**

**Нисбати сохтори рисола чунин пешниҳодҳо аст:**

- Боби якум чунин номгузорӣ шавад – Асосҳои назариявию методии идораи молияи давлатӣ;
- Параграфи якум чунин номгузори шавад – таҳовуллоти назариявии идораи молияи давлатӣ;
- Параграфи дуюм – асосҳои методолгии идораи молияи давлатӣ;
- Таҷрибаи пешқадами хориҷии идораи молияи давлатӣ ва татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Боби дуюм – Ҳолати муосир ва асосҳои институтсионалии идораи молияи давлатӣ дар ҶТ;
- Параграфи 2.2 – Асосҳои институтсионалии идораи молияи давлатӣ дар ҶТ;
- Параграфи 2.3 – Хусусиятҳои идораи молияи давлатӣ дар ҶТ;
- Боби 3-юм – Стратегияи такмили идораи молияи давлатии ҶТ;
- Параграфи 3.1. – Роҳҳои такмили идораи молияи давлатӣ дар ҶТ

- Параграфи 3.2. – Моделҳои идораи молияи давлатӣ дар ҶТ;
- Параграфи 3.3. – Дурнамои такмили идораи молияи давлатии ҶТ барои давраи то соли 2030.

**7. Мазмуну моҳияти рисолаи илмӣ.**

Рисола ҳаҷман ба ҳаҷми муайянгардидаи рисолаи номзадӣ ҷавобгӯ буда аз 155 саҳифа иборат аст. Дар баробари ин чунин таклифҳо ҳаст нисбати он:

- Параграфи 2-юми боби 1-ум ба таҳлили таърихи хазинадорӣ бахшида ба ҳисоботи вазорати молия шабоҳат дошта, фишурдаи онро метавон дар ҳаҷми 3-4 саҳифа ҳамчун таҳовулоти низоми хазинадорӣ дар параграфи 3-юми боби 2-юм метавон истифода бурд, инчунин баъзе паҳлуҳои таҳлилиашро дар параграфи мазкур ҳамчун ҷанбаҳои методӣ овардан мумкин аст. Ин параграф бештар характери маводи таълимӣ дошта, аппарарти илмӣ умуман риоя нашудааст, ки бояд бартараф карда шавад;
- Дар параграфи 3-юм таҳлилҳои муқоисавии таҷрибаи хориҷиро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон илова намудан лозим аст. Инчунин иқтибос овардан лозим, ки маводҳоро аз куҷо дастрас намудааст;
- Дар параграфи 3-юми боби 2-юм умуман масъалаи талаботи илмӣ риоя нагардида, ба ақидаи мо хуб мешуд хусусиятҳои идораи молияи давлатӣ илова карда шавад. Илова бар ин маводҳои оморӣ куҳна истифода шуда, танҳо соли 2017-ро дар бар мегиранд, ки бояд камаш 2019-ро дар бар гиранд;
- Дар параграфи 1-уми боби 3-юм таҳлилҳо асосан ба муқоиса ва баҳодиҳии иҷроиши барномаҳои давлатии татбиқшуда истодаи самти идоракунии молияи давлатӣ бояд бахшида шавад, лекин бештар Самтҳои асосии Барномаҳои СМРТ барои давраи то соли 2030 ва СИМД бахшида шудаанд, ки таҳрир мехоҳанд. Дар ин параграф хуб мешуд, бештар роҳҳои такмили идораи молияи давлатӣ дар ҶТ ва натиҷанокии барномаҳои танзими он таҳлил карда шуда, пешниҳодҳо мушахас карда шаванд. Таҳлили муқоисавии худи Стратегияҳоро хуб мешуд ба параграфи 1-уми боби 2 гузаронад муаллиф;
- Параграфи 2-юм асосан ба сармоягузории давлатӣ ва такмили он дар шароити амалишавии Стратегияи милли рушд бахшида шудааст, лекин мутаасифона дар бораи сармоягӯзории давлатӣ ягон таҳлилҳо нест, таҳлили зарурӣ гузаронида нашудааст, ки бояд ислоҳ карда шавад. Инчунин ҷадвалҳо умуман нест, ки ислоҳоти ҷиддӣ талаб мекунанд;
- Хулоса тибқи муқаррароти Дастурамали КОА-и назди Президенти ҶТ "Оид ба тартиби барасмиятдарории ... рисолаҳои номзадӣ ...", бояд аз вазифаҳо ва навгониҳо баромада аз ду қисм иборат бошанд, якум аҳамияти назариявии он бо дарназардошти нашриёти муаллиф ва дуюм аҳамияти амалии он бо дарназардошти маълумотномаи вазорату идораҳо матраҳ карда шавад, инчунин натиҷаҳо бояд дар мақолаҳои чопшудаи муаллиф дарҷ гардида бошанд, ки ислоҳот талаб мекунанд;

- Адабиётҳо 118 ададро ташкил дода, муқаррароти Дастурамали КОА – и назди Президенти ҶТ “Оид ба тартиби барасмиятдарории ... рисолаҳои номзадӣ ...” – ро оид ба истифодаи иқтибосҳо ва адабиётҳо риоя намуда, тибқи он таҳрир намояд.
- **Дар маҷмуъ**
- Дар охири параграфҳо ва бобҳо хулосабандӣ карда шавад;
- Руйхати адабиётҳо ва замимаҳо тибқи муқаррароти Дастурамали КОА – и назди Президенти ҶТ “Оид ба тартиби барасмиятдарории ... рисолаҳои номзадӣ ...” таҳрир карда шаванд;
- Хатогиҳои имлоиву луғавӣ бартараф карда шаванд.

**8.Хулоса.**

Дар маҷмӯъ қайд кардан, зарур аст, ки муаллиф меҳнати зиёде дар самти тадқиқи мавзуъи мазкур ба сомон расонида камбудиҳои ҷойдошта ислоҳпазир буда, наметавонад, ки қимати диссертатсияро коҳиш диҳанд.

Диссертатсияи мазкур дар мавзӯи **“Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”,** ки барои муҳокимаи факултет барои дарёфти дараҷаи **илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия** пешниҳод шудааст, бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои зикргардида, барои гузаштан аз марҳилаҳои минбаъдаи ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии мувофиқ пешниҳод карда мешавад.

**Муқарриз,**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи**
**молия ва андозбандии**
**Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат** **Алишоев Х.Ҳ.**

**Имзои Алишоев Х.Ҳ – ро тасдиқ мекунам**
**Сардори идораи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДССХ** **Ҷураев Ш.Н.**